**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 8)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Бахтиёри Изатулло Муродзода дар мавзуи «Такмили механизми рушди комплекси агроозуқаворӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар маводи минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент)**

Таҳқиқ, омӯзиш ва ҳалли масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ яке аз муҳимтарин бахши сиёсати иқтисодии Чумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи ҳозира аст. Дар таъмини амнияти озуқаворӣ нақш ва аҳамияти соҳаҳои кишоварзӣ хеле назаррас аст. Бинобар ин дар ҳалли ин масъалаи муҳим ба рушди комплекси агроозуқаворӣ мамлакат диққати махсус дода мешавад. Дар баробари зиёдшавии аҳолии кишвар талабот ба маҳсулотҳои озуқаворӣ низ сол ба сол меафзояд, ки чунин вазъият аз мутахассисони соҳаҳои кишоварзӣ дарёфти роҳу воситаҳои рушд ва такмилдиҳии комплекси агроозуқавориро талаб менамояд. Ҳалли чунин масъалаҳои зикршуда муҳимияти диссертатсияи таҳқиқотиро муайян мекунанд.

Аз автореферати диссертатсия дида мешавад, ки муаллиф дар такмилдиҳии механизми рушди комплекси агроозуқаворӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти камчинии сармоягузориҳо барои таҷдиди истеҳсолоти амалкунанда ва бунёди иқтидорҳои нав, молиякунонии навгониҳои илмию техникӣ дар истеҳсолоти агросаноатиро зоҳир мекунад. Дар натиҷа рақобатпазир набудани маҳсулоти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ мамлакат чой доранд, ки тарғиби фурӯши онҳо низ қаноатмандкунанда нест.

Муаллиф дар автореферати диссертатсия робита ба зарурати такмилдиҳии механизми рушди комплекси агроозуқаворӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд мекунад, ки тавассути такмилдиҳии механизми рушди комплекси агроозуқаворӣ ҳиссаи истеҳсолотро дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ зиёд карда, беҳтаргардонии шароити зиндагии аҳолиро таъмин ва сифати маҳсулоти озуқаворӣ ватаниро баланд бардошта, дар бозорҳои дохилӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ мавқеи устувори соҳаро таъмин кардан мумкин аст.

Шиносоӣ бо мазмун ва натиҷаҳои илмию амалии ба даст овардаи диссертант аз автореферати диссертатсияи тақризшаванда нишон медиҳад, ки муаллиф дорандаи дониши васеи назариявӣ ва амалӣ аст ва вазифаҳои гузоштаи таҳқиқоти илмии мавзуъро дуруст ҳал карда

тавонистааст. Муаллиф дар автореферат хулосабарориҳои илмӣ ва амалиро аз нуқтаи назари илмӣ асоснок намуда, таклифу пешниҳодҳои зарурирο ба таври эътимоднок тавсия менамояд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шуда, дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ироа гардидаанд.

Дар баробари бартариятҳои аз афтореферати диссертатсия дида шаванда барои беҳбудии кори таҳқиқот пешниҳод намудан мумкин аст, ки хуб мешуд дар кор фаъолнокии инноватсионии субъектҳои комплекси агроозуқаворӣ нишон дода мешуд.

Вале ин камбудии пешниҳод шуда сатҳи илмӣ ва амалии диссертатсияро паст намекунад ва муаллиф дар иҷрои мақсади гузошташудаи худ муваффақ шудааст

Ҳамаи масъалагузориҳои зикршуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки диссертатсияи илмии Бахтиёри Изатулло Муродзода дар мавзуи «Такмили механизми рушди комплекси агроозуқаворииi Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар маводи минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор)» кори мустақилона ба анҷом расонидаи муаллиф аст ва ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи номзадӣ ҷавобгӯй буда муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) сазовор мебошад.

**Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**профессори кафедраи маркетинги соҳавӣ**
**ва байналмилалии Донишгоҳи**
**технологии Тоҷикистон** **Абдуғаффор Рауфӣ**

**Адрес: 734061, ш. Душанбе, кӯч. Н. Қаробоев, 63/3**
**Тел: 2340907, e-mail: eco_institute@mail.ru**

**Имзои А. Рауфиро тасдиқ мекунам**
**Мудири ШК ва КМ ДТТ** **Н.А. Бухориев**

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН * ТЕХНОЛОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ТАДЖИКИСТАНА * ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ